ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 4 феврали соли 2023, таҳти №15 дар бораи сазовор донистани Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломовичро дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 12.11.2022 сол, суратҷаласаи №9 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, унвонҷӯ Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович 20-уми майи соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2004 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси Муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2009 хатм кардааст.

Солҳои 2017-2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда, солҳои 2018-2021 аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз соли 2021 то соли 2022 ассистент ва аз соли 2022 то инҷониб муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Мавзуи диссертатсия – «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03.03.2018, таҳти №06 (17-18) тасдиқ гардидааст.

Ба унвончӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 12.03.2022 с. таҳти №81 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 5 «аъло», 30. 11.2018 с.
2. Таърих ва фалсафаи илм – 5 «аъло», 20.12.2018 с.
3. Ихтисос – 12.00.08. – 5 «аъло», 21.06.2021 с.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст. Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз санаи 31.03.2022) ҳамчунин, дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, аз 06-уми июли соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Роҳбари илмӣ:

Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ:

Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон;

Қурбонзода Беҳрӯз Шариф – ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон», ки аз ҷониби ташхисгар дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғайратов Т.М. омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Алиев Ф.Ш. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Ф.Н. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи

14.01.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

1. Миралиев, С.А. К вопросу о принципах назначения наказания [Текст] / С.А. Миралиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Ч.II. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 231-236. ISSN 2413–5151.

2. Миралиев, С.А. Основания назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление [Текст] / С.А. Миралиев // Академический юридический журнал. – Душанбе, 2018. – №4 (28). – С. 96-101. ISSN 2305–0535.

3. Миралиев, С.А., Бобоев, Дж. К. Сущность института назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление [Текст] / С.А. Миралиев, Дж. К. Бобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 203-206. ISSN 2413–5151.

4. Миралиев, С.А., Шарипов, Т.Ш. Ҳолатҳои камкунандаи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят [Матн] / С.А. Миралиев, Т.Ш. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. – №7. – С. 216-221. ISSN 2413–5151.

5. Миралиев, С.А. Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, мутобиқи қонунгузории баъзе аз давлатҳои

пасошуравӣ [Матн] / С.А. Миралиев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон, маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – 2021. – №1 (21). – С. 178-188. ISSN 2414– 9217.

6. Миралиев, С.А., Миралиев, Н.А. Масоили таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст [Матн] / С.А. Миралиев, Н.А. Миралиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – №10. – С. 268-274. ISSN 2413–5151.

7. Миралиев, С.А. Способы назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление [Текст] / С.А. Миралиев // Сборник статей апрельской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского и студенческого состава Таджикского государственного финансово-экономического университета, посвященной «30-летию государственной независимости Республики Таджикистан и годам развития села, туризма и народных ремёсел (2019-2021)» (12-17 апреля 2021 года). – С. 373-375.

8. Миралиев, С.А. Мусоидати иштирокчии гурӯҳи ҷиноятӣ барои ошкор намудани ҳодисаи ҷиноят [Матн] / С.А. Миралиев // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Танзими иқтисодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ» (29-уми январи соли 2022) – Душанбе, 2022. – С. 162-165.

9. Миралиев, С.А. Деятельное раскаяние как самостоятельное основание назначения более мягкого наказания, чем предусмотрено за данное преступление [Текст] / С.А. Миралиев // I Международная научно-практическая конференция на тему «Юридическая наука и практика», посвященная Дню таджикской науки (29 апреля 2022 г.). – Душанбе, 2022. – С. 184-188.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

Буризода Э.Б. – мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддини АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

Абдурашидзода А.А. – котиби Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

Маҳмадшозода Ф.А. – муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оиди ба таври зарурӣ таҳлил нагардидани

асарҳои олимони ватанӣ, масъалаи татбиқ гаштани м. 63 КҶ ҶТ ҳангоми дар баробари ҳолатҳои мустасноӣ ҷой доштани ҳолатҳои вазнинкунанда, истифода нагардидани барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо зимни таълифи автореферат, ҳолатҳои сабуккунандаи дар қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда ба сифати ҳолати мустасноӣ баромад намудани баъзе ҳолатҳо, нишон надодани омори солҳои 2021 ва 2022 баъзе аз таклифҳо дар самти такмили қонунгузории ҷиноятӣ, пешниҳоду нақтаҳои назари шахсии муаллифи авторефератро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:

– омӯзиши асосҳои умумии таъини ҷазо тибқи меъёрҳои КҶ ҶТ;

– асоснок намудани мафҳумҳо вобаста ба таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст;

– гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии меъёрҳои КҶ ва меъёрҳои КҶ давлатҳои пасошуравӣ дар самти таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст;

– таҳқиқ намудани асосҳо ва мундариҷаи м. 63 КҶ ҶТ;

– баррасӣ намудани тарзҳои татбиқи муқаррароти м. 63 КҶ ҶТ;

– коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили нишондодҳои моддаи 63 КҶ ҶТ ва дигар муқаррароти КҶ ҶТ..

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масъалаҳои муайян намудани асосҳои татбиқи м. 63 КҶ корбурд гардад. Натиҷаҳои кор мумкин аст, дар коркарди минбаъдаи масъалаҳои таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, истифода шавад. Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар кор ҷойдошта мумкин аст, дар рафти такмилдиҳии минбаъдаи қонуни ҷиноятӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ хизмат намояд.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни омӯзиши курсҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва курси махсуси «Асосҳои таъини ҷазо», ҳангоми тайёр намудани маводи таълимӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намоянд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди: ба монанди методҳои диалектикии маърифатиӣ, инчунин маҷмӯи методҳои махсуси таҳлил, синтез, муқоиса, индуксия, дедуксия, тафсири муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ-таҳлилӣ, таърихӣ ва расмӣ ташкил додаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, дар амалияи тафтишӣ ва судӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни тадрис, дар муассисаҳои олӣ ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо ва ғайра истифода шаванд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:

– тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар бораи таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, инъикос менамоянд, ба даст оварда шудаанд;

– инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеоянд;

– ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конституцияи ҶТ, Кодекси

ҷиноятии ҶТ, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ ва Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ба даст омадаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 4-уми феврали соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раисикунанда, муовини раиси
Шурои диссертатсионӣ, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Диноршоҳ А.М.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Гадоев Б.С.**

4-уми феврали соли 2023